# 08 00 00 ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ
# 08 00 00 ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ
# 08 00 00 ECONOMIC SCIENCES

## 08 00 01 ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ТЕОРИЯ
## 08 00 01 ECONOMIC THEORY

***УДК 336***
***ББК 65.053.011***

### *ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ КОРХОНА: МАФҲУМҲО, НИШОНДИҲАНДАҲО ВА РОҲҲОИ БЕҲТАР ГАРДОНИДАНИ ОНҲО*

***Пўлотов Мунир Мухтарович,***
*н.и.и, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

### *ФИНАНСОВОЕ СОСТОЯНИЕ ПРЕДПРИЯТИЙ: ПОКАЗАТЕЛИ И ПУТИ УЛУЧШЕНИЯ*

***Пулотов Мунир Мухторович,***
*к.э.н., доцент кафедры бухгалтерского учета и аудита ХГУ им. акад. Б.Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

### *FINANCIAL CONDITION OF ENTERPRISES: INDICES AND WAYS OF IMPROVEMENT*

***Pulatov Munir Mukhtarovich,***
*candidate of economy sciences, Associate Professor of the department of bookkeeping account and audid under Khujand State University named after acad. B. Gafurov*
***E-MAIL**: munirpulotov@mail.ru*

***Ключевые слова:*** *финансовое состояние предприятия, анализ финансового состояния, горизонтальный (временной) анализ,вертикальный анализ,трендовый анализ*

*В статье сделана попытка формулирования авторского понятия финансового состояния предприятия на базе системно - критического анализа широко известных концепций. В условиях рыночной экономики особая роль в перераспределении финансовых ресурсов отводится финансовой системе, основная задача которой -целесообразное размещение ресурсов. В связи с этим необходимостью является создание методики самостоятельной оценки кредитоспособности организации для оценки её текущей привлекательности для инвесторов. В статье автор рассматривает систему оценки результатов деятельности бюджетных организаций и говорит о необходимости совершенствования методологии оценки критериев, позволяющих оценить результаты финансовой деятельности предприятия.*

*Автор не претендует на универсальность и абсолютность предложенного варианта, а видит в нём подход к адаптации существующих мнений к конкретным вопросам, таким как: финансовая диагностика и поддержка управленческих решений, методика*

*финансового анализа с применением зарубежного опыта, система оценки финансовых результатов предприятий.*

***Key words:*** *financial condition of enterprise, financial state analysis, horizontal (temporal) analysis, vertical analysis, trend analysis*

*The author of the article makes an endeavour to formulate the expression of the notion of a financial condition of an enterprise on the grounds of a systemic-critical analysis of widely known principles. Under market economy conditions special role in redistribution of financial resources is paid to a financial system whose principal goal lies in expedient allocation of resources. In connection with it a necessity lies in a creation of a self-reliant assessment method of credit solvency of an organization for evaluation of current attractiveness for investors. The author dwells on the system of evaluation of results concerned with the activities of budget organizations, he speaks about a necessity of improving methodology in assessment of criteria affording to evaluate the results of financial activity of a certain enterprise.*

Дар вазъи иқтисодии ҳозира фаъолияти ҳар субъекти хоҷагидорӣ мавриди таваҷҷӯҳи доираи васеи иштирокдорони муносибатҳои бозорӣ, ки аз сармоягузорӣ ва натиҷаҳои он манфиатдоранд, қарор дорад.

Ҳамаи субъектҳои муносибатҳои бозорӣ, аз қабили соҳибмулкон, сармоягузорон, бонкҳо, миёнаравҳо, харидорон, ширкатҳои суғуртавӣ (бима) ба арзёбии яккелаи фаъолияти худ ва рақобатпазирию устувории шарикон манфиатдор мебошанд. Дар асоси маълумоти дастраси ҳисоботию баҳисобгирӣ онҳо кӯшиш мекунанд, ки ҳолати молиявии муассисаашонро арзёбӣ кунанд. Мақсади асосии таҳлили молиявӣ возеҳ сохтани вазъи объективӣ ва аниқи молиявии муассиса ба шумор меравад.

Ба таҳлили ҳамаҷониба (комплексӣ)-и вазъи корхона таҳлили сохтору динамикаи активҳо ва пассивҳо, таҳлили вазъи молиявӣ тибқи маълумоти мувозинаи муҳосибот, ҳамчунин таҳлили коэффисиентҳои молиявии даромаднокӣ, устувории молиявӣ, бозоргирӣ ва пардохтпазирӣ дохил мешаванд.

Вазъи молиявӣ тавсифкунандаи муҳимтарини фаъолияти иқтисодии ташкилот дар муҳити беруна мебошад. Он ҳолати рақобатпазирии муассиса ва потенсиали ҳамкорӣ доштанашро муайян карда, сатҳи кафолатнокии манфиатёбии иқтисодии худи ташкилот ва шариконашро арзёбӣ мекунад.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ якчанд роҳу усулҳои муайян намудани вазъи иқтисодӣ ва робитаи мутақобили он бо устувории молиявӣ ва ҷаззобияти муассиса ба сармоягузорӣ мавҷуд аст.

Бинобар ин баррасии мухтасари нуқтаи назари иқтисоддонони маъруфи ин соҳа аз манфиат холӣ нест. Масалан, бино бар ақидаи А.Д.Шеремет «вазъи иқтисодии муассиса аз рӯи ҷобаҷогузорӣ ва истифодаи воситаҳо ва вижагиҳои сарчашмаҳои ташаккули онҳо, сармояи худӣ ва ӯҳдадориҳо муайян карда мешавад. Ин маълумот дар ҳисоботи муҳосибӣ ва дигар шаклҳои ҳисобкунӣ зикр мегардад» [1, с. 30].

Инчунин мо бояд ба омилҳои асосии зерини муайянкунии вазъи молиявӣ таваҷҷӯҳ намоем: якум, иҷрои нақшаи молиявӣ ва зиёд гардонидани сармоягардонии худӣ дар ҳадди талаботи пайдошуда аз ҳисоби фоида; дувум, суръати гардиши

воситаҳои гардон. Нишондиҳандаи пешакии вазъи молиявии муассиса қобилияти пардохтпазирии он аст.

О.В. Ефимова низ дар бобати ин масъала бо А.Д. Шеремет ҳамфикр аст, ҳарчанд ки ӯ таърифи моҳияти вазъи молиявӣ ва устувории молиявиро пешниҳод накардааст [2, с. 152].

Истилоҳи вазъи молиявӣ гуфта ба захираҳои молиявӣ таъмин будани муассиса, ҷойгиронии сарфакорона ва истифодаи самарабахши онҳоро меноманд. Вазъи молиявӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ, таъминоти муассиса бо захираҳои моддӣ ва молиявӣ таъсири бевосита мерасонад. Фаъолияти сармоягузории муассиса ба вазъи молиявии он вобаста аст.

Ба ақидаи мо, вазъи молиявӣ аз рӯи ҳолати амволӣ ва молиявии корхона, натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, ҳамчунин имкониятҳои рушди оянда арзёбӣ карда мешавад. Айни замон мо арзёбии устувории молиявии муассисаро ҳамчун қисми асосии арзёбии молиявӣ баррасӣ мекунем.

Вазъи молиявӣ гуфта таъмин будан ба захираҳои молиявӣ, ки барои фаъолияти мӯътадили ташкилот зарур аст, ҷойгиронии мақсаднок ва истифодаи самарабахши онҳо, муносибатҳои мутақобилаи молиявӣ бо симоҳои ҳуқуқӣ ва воқеӣ, пардохтпазирӣ ва устувории молиявӣ фаҳмида мешавад [3, с. 9].

Барои дар шароити иқтисодиёти бозорӣ фаъолият кардан ва роҳ надодан ба муфлисшавӣ тарзи идораи маблағҳо, чигунагии таркиби сохтори сармоя ва сарчашмаҳои шаклгирии он, ҳаҷми саҳми воситаҳои худӣ ва қарзиро хуб донистан даркор аст. Инчунин донистани методи таҳлили вазъи молиявӣ, фаъолнокии корӣ, пардохтпазирӣ, даромаднокӣ, устувории молиявӣ ва ғайра талаб карда мешавад [4, с. 14-22].

Вазъи молиявии корхона дар илми молия ба устувор, ноустувор ва бӯҳронӣ ҷудо карда мешавад.

**Вазъи молиявии устувор** нишондиҳандаи намуди устувории молиявӣ буда, чунин шакл дорад: М=1,1,1. Он дар сурати кофӣ будани сармояи худӣ, сатҳи зарурии бозоргирии активҳои гардишӣ, даромади устувор ва имконияти васеи ҷалб кардани воситаҳои маблағгузорӣ ба даст оварда мешавад. Барои таъмини устувории молиявӣ корхона бояд дорои сохтори тағйирпазирии сармоя буда, ҳаракати онро тавре ба роҳ монад, ки ба мақсади нигоҳ доштани имконияти пардохтпазирӣ ва фароҳам овардани шароит барои такрористеҳсол даромад ҳамеша аз хароҷот зиёд бошад [5, с. 55-58].

**Вазъи молиявии ноустувор** ин нишондиҳандаи намуди устувории молиявист, ки шакли зерин дорад: М=0,0,1, яъне вайрон шудани пардохтпазирист, ки дар он имконияти таҷдиди мувозинат аз ҳисоби зиёд кардани воситаҳои худӣ, ихтисори қарзи дебиторӣ, тезонидани гардиши захираҳо нигоҳ дошта мешавад. Ноустувории молиявӣ ҳадди маҷоз ба ҳисоб меравад агар андозаи қарзҳои кӯтоҳмуддат ва воситаҳои вомии (заёмии) барои ташаккули захираҳо ҷалбшаванда аз нархи умумии ашёи хом, масолеҳ ва маҳсулоти тайёр зиёд набошад.

**Вазъи молиявии бӯҳронӣ** ин нишондиҳандаи намуди устувории молиявист, ки чунин шакл дорад: М=0,0,0, яъне ҳолатест, ки корхона ба муфлисшавӣ наздик шудааст, зеро ки воситаҳои пулӣ, коғазҳои қиматноки кӯтоҳмӯҳлат ва қарзҳои дебиторӣ наметавонанд ҳатто қарзҳои кредиторӣ ва вомҳои ба таъхирафтодаро рӯйпӯш кунанд.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосаи зерин омадан мумкин аст: агар корхона дар ҳолати устувори молиявӣ бошад, метавонад воситаҳои гардишии худро рӯйпӯш намояд, яъне корхона аз маблағгузорони беруна вобаста нест. Чунин ҳолат хеле кам ба назар мерасад. Гузашта аз ин, ҳолати мазкурро идеалӣ шумурдан мумкин аст, зеро он шаҳодат медиҳад, ки роҳбарияти корхона дар фаъолияти худ ба истифодаи воситаҳои беруна имкон надорад. Агар сабаби вазъи молиявии ноустувор пардохтнопазирии корхона бошад, дар аксар маврид онро тавассути ворид сохтани воситаҳои худӣ бартараф кардан мумкин аст.

Вазъи молиявии бӯҳрониро, ки ҳангоми он корхона дар остонаи муфлисшавӣ қарор мегирад, мумкин аст ё тавассути сармоягузории берунӣ ва ё бо роҳи қатъи пардохти корхона ва ворид сохтани маблағи худӣ ба рушди он рафъ намуд.

Вазъи молиявии корхона, устуворӣ ва муназзамии фаъолияти он аз натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва молиявӣ вобаста аст. Агар нақшаҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ бо муваффақият иҷро шавад, он ба вазъи молиявии корхона таъсири мусбат мерасонад. Баръакс, иҷро нашудани нақшаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, фоида ва даромад ба вазъи молиявӣ ва пардохтпазирӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Вазъи молиявии устувор натиҷаи идораи босаводонаю моҳиронаи маҷмӯи омилҳоест, ки ифодакунандаи тамоми натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории корхонаро муайян мекунанд. Бино бар ин вазифаҳои зерин аз ҷумлаи вазифаҳои асосии таҳили вазъи молиявӣ маҳсуб мегарданд:

- омӯзиши робитаи дутарафаи байни нишондиҳандаҳои гуногуни истеҳсолӣ, фаъолияти тиҷоратӣ ва молиявӣ;
- арзёбии иҷрои нақшаҳои воруди захираҳои молӣ ва истифодаи онҳо ба мақсади беҳтар гардонидани вазъи молиявӣ;
-таҳияи амсилаи арзёбӣ, ташхиси вазъи молиявӣ ва муайян кардани таъсири омилҳои гуногун ба тағйирёбии вазъи молиявии корхона;
- пешгӯии натиҷаҳои эҳтимолии молиявӣ бо назардошти шароити воқеии хоҷагидорӣ;
- таҳияи тадбирҳои мушаххас, ки ба истифодаи нисбатан самарабахши захираҳои молиявӣ ва таҳкими вазъи молиявӣ нигаронида шудаанд;

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳлили вазъи молиявӣ аз арзёбӣ, муайянкунии вазъи молиявии корхона ва амалигардонии корҳои мунтазам дар самти такмили вазъи корхона иборат аст. Таҳлили вазъи молиявӣ нишон медиҳад, ки дар кадом самти мушаххас корро пеш бурдан лозим аст. Натиҷаҳои таҳлил ба саволи зерин ҷавоб медиҳад: тарзҳои муҳимтарини беҳтар намудани вазъи молиявии корхона дар давраи муайяни фаъолияти он кадомҳоянд?

Вазъи молиявӣ аз фаъолияти корхона вобаста аст: иҷрои нақшаҳои истеҳсолӣ, паст кардани арзиши аслӣ ва афзоиши фоида беҳтар кардани самарабахшии истеҳсолот, инчунин омилҳое, ки дар самти гардиш ва марбут ба ташкили гардиши мол ва фондҳои пулӣ вобастаанд. Ҳангоми таҳлил бояд сабабҳои ноустувории вазъи молиявӣ ва роҳҳои такмили он нишон дода шаванд. Дар иртибот бо гуфтаҳои боло таҳлил ба ду намуд ҷудо мешавад:

1. *дохилӣ;*
2. *берунӣ.*

**Таҳлили дохилиро** хадамоти худи корхона мегузаронад ва натиҷаҳои онро барои нақшагирӣ, назорат ваояндабинии вазъи молиявии корхона истифода мебаранд. Мақсади чунин таҳлил даромади пулии мунтазам, муайян кардани воридоти мураттаби пул ва ҷойгиронии воситаҳои худию қарзӣ ба мақсади таъмини фаъолияти мӯътадили корхона, ба даст овардани фоидаи ҳадди аксар ва пешгирии муфлисшавӣ мебошад.

**Таҳлили берунӣ** аз тарафи сармоягузорон, таҳвилгарони захираҳои моддӣ ва молиявӣ, ташкилотҳои назоратӣ дар асоси ҳисоботи нашршуда амалӣ мешавад. Мақсади чунин таҳлил муайян кардани имкониятҳои сармоягузории муфид ба мақсади таъмини фоидаи ҳадди аксар ва пешгирии хавфи зарар аст.

Дар корхона усулҳои зерини асосии таҳлили оморӣ мавриди истифода қарор мегиранд:

**Таҳлили уфуқӣ (муваққатӣ)** ин муқоисаи ҳар мавқеи ҳисобот бо мавқеи шабеҳ дар ҳисоботи давраи гузашта ва ё дар муҳлати дарозтари вақт мебошад.

**Таҳлили амудӣ** омӯзиши сохтори нишондиҳандаҳои ҷамъбастии молиявӣ, таҳлили ҷамъбасти нишондиҳандаҳои молиявӣ, тағйироти онҳо ва арзёбии ин тағйирот аст.

**Таҳлили нишондиҳандаҳои нисбӣ (коэффисиентҳо).** Дар ин таҳлил коэффисиентҳои гуногуни молиявӣ ҳисобу китоб мешавад. Дар асоси маълумоти ҳисобот таҳлили омилии ин коэффисиентҳо амалӣ гардонида, робита ва вобастагии мутақобилаи нишондиҳандаҳои гуногун муайян карда мешаванд.

**Таҳлили муқоисавӣ** аз таҳлили дохилихоҷагии нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои алоҳидаи ширкат, ширкатҳои фаръӣ, зерсохторҳо, сехҳо ва таҳлили байнихоҷагии нишондиҳандаҳои ширкатҳои мазкур дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои рақибон бо додаҳои миёнаи соҳа ва додаҳои миёнаи умумииқтисодӣ иборат аст [6, с. 63].

Дар раванди таҳлил гузариш аз шиносоии умумӣ бо вазъи молиявӣ ба ошкор сохтану муайян кардани таъсири ихтилофноки омилҳои алоҳида ба мухтассоти он ва ҷамъбасти маводи таҳлил дар шакли хулосаҳои охирин ва пешниҳодҳо ба вуҷуд меояд. Зимнан дар таҳлил бояд ҳамаи маълумот оид ба натиҷаҳои фаъолияти субъекти хоҷагидор мавриди истифода қарор гирад.

Ҳамин тариқ, мақсадҳои таҳлили вазъи молиявӣ инҳоянд:

- ошкорсозии саривақтӣ ва рафъи камбудиҳо дар фаъолияти иқтисодӣ;
- пайдо кардани захираҳои беҳтар намудани вазъи корхона ва имконияти пардохтпазирӣ;
- таҳияи фарзияю пешгӯиҳои мӯътамади шароитиояндаи молиявии фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ.

***Вожаҳои калидӣ**: вазъи молиявӣ, , таҳлили вазъи молиявӣ, таҳлили муваққатӣ, таҳлили амудӣ, таҳлили трендӣ*

***Пайнавишт:***

1. *Шеремет А.Д. Комплексный анализ хозяйственной деятельности.- М.: ИНФРА-М.- 2006.- 178 с.*
2. *Ефимова О.В. Финансовый анализ. – М.: Бухгалтерский учет, 2006. – 352 с.*
3. *Массарыгина В.Ф. Экспресс-анализ финансового состояния предприятия-должника // Экономический анализ: теория и практика. - 2012. - № 31. - С.60-65.*

*4. Алексеев К.С.Методика анализа финансово-хозяйственной деятельности предприятия // Справочник экономиста. - 2012. - № 1. - С.14-25.*

*5. Бошнякович Н.С. Сбалансированность платежеспособности предприятия и ликвидности его финансовых ресурсов // Экономический анализ. – 2006. - № 6. – С.55-61.*

*6. Шеремет А.Д., Негашев Е.В. Методика финансового анализа. - М.: ИНФРА – М, 2002. – 208с.*

***Reference Literature:***

*1. Sheremet A.D Comprehensive Analysis of Economic Activity. - Moscow: INFRA-M . - 2006 . – 178 pp.*

*2 . Yefimova O. Financial Analysis . - M. Bookeeping Accounting, 2006 .- 352 pp.*

*3. Massaryghina V. F. Express-Analysis of the Financial Condition of a Debtor-Enterprise // Economic Analysis : Theory and Practice . - 2012 , № 31. - pp.60-65.*

*4. Alexeyev K.S. Methods of Analysis of Financial-Economic Activity of an Enterprise / / Directory of Economist. – 2012, № 1. - P.14 -25*

*5. Boshnyakovich N.S Balance of Company's Solvency and Liquidity of its Financial Resources / / Economic Analysis . – 2006, № 6, pp.55-61 .*

*6. Sheremet A.D , Negashev Ye.V. Financial Analysis Technique . - Moscow: INFRA-M, 2002. - 208 pp.*